**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000–Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ)

Дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон, тағйирёбии моҳияти иттилоот ҳамчун захираи арзишманди стратегӣ мақоми китобхонаҳоро ба сифати ниҳоди иттилоърасони нисбатан демократӣ дар таъмини дастёбӣ ба сарватҳои маънавию донишҳои андӯхтаи инсоният ба маротиб баланд бардошт. Тағйирёбии ниёзу талаботи истифодабарандагон нисбат ба сифати хизматрасонии китобдорию библиографӣ, инчунин равандҳои коркарду пешниҳоди иттилооти арзишманд аз китобхонаҳо ва кормандони онҳо тақозо дорад, ки технологияҳои нави иҷтимоию иттилоотиро аз худ намуда, дар фаъолияти рӯзмарраи хеш ба таври самаранок истифода бурда тавонанд.

Илова бар ин, чунин вазъият кормандони китобхонаҳоро водор месозад, ки беш аз пеш ба самти ҷоринамоии инноватсияҳои китобдорӣ майл намуда, дар тамоми ҷанбаҳои фаъолияти касбӣ ташаббускору нововар бошанд, зеро танҳо муносибати нав, афкору андешаи наву созанда барои иҷрои самараноки рисолати иҷтимоии китобхона ва кормандони он имконияти боз ҳам васеътар фароҳам оварда метавонад. Дар баробари ин татбиқи инноватсияҳо роҳи нисбатан мураккабу заҳматталаб дар фаъолияти касбӣ ба шумор рафта, аз мушкилоту монеаҳои ташкиливу молиявӣ ва равонӣ иборат аст. Бартараф намудани мушкилоти мавҷуда коркарди илман асосноки роҳу воситаҳои азнавсозии инноватсионии фаъолияти китобхонаҳо, махсусан китобхонаҳои давлатию оммавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати шумора ва фарогирӣ бо хизматрасонии китобдорию библиографии аҳолӣ бонуфузтар мебошанд, талаб мекунад.

Мавриди зикри хос аст, ки дигаргуниҳои дорои хусусияти глобалӣ дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа намояндагони гуногуни илму истеҳсолотро низ водор месозанд, ки раванҳои инноватсиониро ба

сифати объект ва предмети таҳлили илмӣ интихоб намуда, роҳу воситаҳои рафъи мушкилоту мухолифат ва монеаҳои чараёни инноватсиониро дарёфта, аз ҷиҳати илмӣ асоснок созанд. Аз ин рӯ, дар замони муосир тадриҷан самти нави байнифаннӣ ба унвони «инноватика» ташаккул ва рушд ёфта истодааст, ки донишу ақидаҳои илмҳои гуногунро ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсионии ташкилоту корхонаҳои мухталиф ҳамгиро месозад. Бинобар ин, имрӯз коркарди илмии роҳу воситаҳои аснавсозии инноватсионии фаъолияти китобхонаҳо бидуни истифода аз дастовардҳои инноватика, бахусус инноватикаи китобдорӣ ғайриимкон аст. Чунин вазъият муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шарифро дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» собит менамояд.

Зафари Шариф хатмкардаи факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (соли 2015) буда, фаъолияти меҳнатиашро дар ин муассиса аз соли 2015 ба сифати мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишкадаи мазкур оғоз карда, сипас дар вазифаҳои омӯзгор, омӯзгори калон, муовини декан (2018), солҳои 2018-2020 ҳамчун мудири кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ ва аз соли 2020 то имрӯз ба сифати декани факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ идома додааст.

Зафари Шариф яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи китобдории ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, муаллиф ва мураттиби беш аз 70-номгӯйи асару мақолаҳои илмӣ ва илмию методӣ, аз ҷумла ду дастури таълимӣ бо унвони «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона», ки бевосита ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии ӯ алоқаманд аст, инчунин «Махзани маърифат», як маҷмуи мақолаҳо «Фаъолияти китобдорӣ дар даврони Истиқлол», се барномаи таълимӣ мебошад. Саҳми ӯ дар таҳия ва татбиқи мавзуи фармоишии илмӣ-таҳқиқотии «Таҳқиқи салоҳияти инноватсионии китобдорон дар раванди хизматрасони китобдорӣ-иттилоотӣ» (солҳои 2020-2024) бо рақами қайди давлатии 0121ТҶ1274 назаррас аст.

Зафари Шариф соли 2024 соҳиби “Шоҳҷоиза”-и озмуни ҷумҳуриявии «Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар даври ҷумҳуриявии озмуни соли 2024

байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳаи фарҳангу санъати кишвар «Муаллими сол - 2024» сазовори ҷойи якум гардидааст. Барои дастовардҳои таълимӣ, илмӣ-омӯзгорӣ, эҷодӣ ва тайёр намудани кадрҳои болаёқат бо нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2019) ва «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2024) сарфароз гардидааст.

Диссертант Зафари Шариф тӯли солҳои 2017-2024 дар заминаи ҷустуҷӯ, омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳо илмии ватанию хориҷӣ, таҳқиқи дастгоҳи истилоҳотии мавзуи мавриди омӯзиш, таҷрибаи таърихии марказҳои методии китобхонаҳои шуравӣ, дастовардҳои муосир дар фаъолияти китобхонаҳои кишварҳои хориҷӣ ва Тоҷикистон ҷанбаҳои инноватсиониро ошкор намуда, бо истифода аз натиҷаи таҳқиқоти озмоишию эмпирикӣ мухолифати миёни назария ва амалияро дар самти ҷоринамоии навгониҳои китобдорӣ омӯхта, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, навгонии таҳқиқот, ҳамзамон нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро муайяну мушахасс намудааст.

Диссертант ҷиҳати таъмини бонизомӣ бобу зербобҳои диссертатсияро аз ҷиҳати илмӣ мантиқан дуруст ҷо ба ҷо кардааст, ки ин бори дигар аз дарки амиқи илмии мавзуи мавриди пажуҳиш, ҷараёни муназзами ибрози андешаву далелҳои муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳо бахри татбиқи онҳо шаҳодат медиҳад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот солҳои 2016-2024 дар конференсияҳои гуногуни илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишкадавӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар баррасӣ ва тасвиб гардида, дар ҷараёни таълими фанни «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» дар ДДФСТ ба номи М. Турсунзода, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, мавриди истифода қарор гирифта, инчунин дар дастури таълимии «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» (дар ҳаммуаллифӣ) ва барномаи таълимии фанни мазкур инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин дар 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ Зафари Шариф худро ҳамчун муҳаққиқи босалоҳияту ҷӯянда, меҳнатдӯсту серталаб,

масъулиятшиносу босалоҳият, дорои ҷаҳонбинии илмӣ, маҳорату малакаҳои эҷодиву пажуҳишӣ муаррифӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишию эмпирикиро мустақилона ва бо натиҷаҳои назаррас анҷом дода тавонист.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва баанҷомрасида буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000–Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ) тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ
ва библиографишиносии ДДФСТ ба
номи Мирзо Турсунзода Шосаидзода С.

*Имзои дотсент С. Шосаидзодаро*
*тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ «ДДФСТ ба номи
Мирзо Турсунзода» Ҳомидова Заррина Ҳабибовна

Суроға: ДДФСТ ба номи М.
Турсунзода, 734032, ш. Душанбе,
кӯчаи Борбад, 73ᵃ,
тел.: (992) 92 925 27 27
E-mail: shosaidov57@mail.ru